# Аллоҳ Таъоло мефармояд: Намозро миёни худам ва бандаам ду тақсим кардам ва барои бандаам ҳар он чи бихоҳад, ҳаст

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки мегӯяд: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро шунидам, ки мегуфт: "Аллоҳ Таъоло мефармояд: Намозро миёни худам ва бандаам ду тақсим кардам ва барои бандаам ҳар он чи бихоҳад, ҳаст. Пас чун банда бигӯяд: (Алҳамду лиллоҳи раббилъоламин) Аллоҳ Таъоло мефармояд: Бандаам манро ситоиш кард. Ва чун бигӯяд: (Ар-Раҳмонир-Раҳим) Аллоҳ Таъоло мефармояд: Бандаам манро сано гуфт. Ва чун бигӯяд: (Молики явмид-дин) Аллоҳ Таъоло мефармояд: Бандаам манро ба бузургӣ ситуд - ва боре гуфт: Бандаи ман ба ман вакил шуд-. Ва чун бигӯяд: (Иёка наъбуду ва иёка настаъин) Аллоҳ Таъоло мефармояд: Ин байни ман ва бандаам аст ва барои бандаам ҳарчи бихоҳад, ҳаст. Ва чун бигӯяд: (Иҳдинас-сиротал-мустақим, сиротал-лазина анъамта алайҳим ғайрил-мағзуби алайҳим ва лаз-золлин) Аллоҳ Таъоло мефармояд: Ин барои бандаам аст ва барои бандаам ҳар он чизе бихоҳад, дода мешавад."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар додаанд, ки Аллоҳ Таъоло дар ҳадиси қудсӣ мефармояд: Сураи "Фотиҳаро" дар намоз байни Худам ва бандаам ду тақсим намудаам, нисфи он барои Ман ва нисфи он барои ӯ. Нисфи аввали он ҳамду сано ва ситоишу бузургдошти Аллоҳ аст, ки барои он ба бандаам беҳтарин подошро медиҳам. Ва нисфи дуввуми он дуо ва тазарруъ ва илтиҷо аст, Ва дуояшро иҷобат мекунам ва ончи хостааст ба ӯ ато мекунам. Пас чун намозгузор (Алҳамду лиллоҳи раббилъоламин) ( Ситоиш махсуси Аллоҳ, Парвардигори оламиён аст), бигӯяд, Аллоҳ мефармояд: Бандаам манро ситоиш гуфт. Ва чун бигӯяд: (Ар-Раҳмонир-Раҳим) (Бахшояндаи меҳрубон), Аллоҳ мефармояд: Бандаам манро сано гуфт ва манро ситуд ва ба раҳмате, ки бар ҳама халқ густардаам эътироф кард. Ва чун бигӯяд: (Молики явмид-дин) (Молики рӯзи ҷазо аст). Аллоҳ мефармояд: Бандаам манро тамҷид кардва он шарафи бузург аст. Пас чун бигӯяд: (Иёка наъбуду ва иёка настаъин) (Туро мепарастем ва аз Ту ёри мехоҳем), Аллоҳ мефармояд: Ин миёни ман ва бандаам аст. Пас нисфи аввали ин оят барои Аллоҳ аст ва он: (Иёка наъбуду) (Туро мепарастем), ки ба маънои эътироф ба улуҳият барои Аллоҳ аст ва истиҷобати Ӯ бо ибодат аст ва бо ин нисфе ки барои Аллоҳ аст поён меёбад. Ва нисфи дуввуми оят барои банда аст: (Иёка настаъин) (Аз Ту ёрӣ мехоҳем), талаби ёри аз Аллоҳ ва ваъдаи ёри додан аз ҷониби Аллоҳ. Пас чун бигӯяд: (Иҳдинас-сиротал-мустақим, сиротал-лазина анъамта алайҳим

ғайрил-мағзуби алайҳим ва лаз-золлин) (Моро ба роҳи рост ҳидоят кун, * ба роҳи касоне, ки бар онҳо неъмат додай, на аз онон, ки бар онҳо ғазаб кардай ва на гумроҳон), Аллоҳ Таоло мефармояд: Ин тазарруъ ва дуо аз суи бандаам аст ва барои бандаам ҳар он чизе бихоҳад, аст ва дуояшро иҷобат кардам.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65099

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee